Тақриз

**ба автореферати таҳқиқоти диссертатсионии Амроев Умедҷон Мамадхонович дар мавзуи “Таърихи театрҳои касбии вилояти Хатлони Ҷумҳурии Тоҷикистон дар даврони истиқлол (солҳои 1991-2021)” барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои таърих аз рӯи ихтисоси 07.00.00-Илмҳои таърихӣ ва бостоншиносӣ (07.00.02 – Таърихи ватанӣ)**

Дар ибтидои солҳои 90-уми асри XX дар ҳаёти сиёсӣ, иқтисодӣ-иҷтимоӣ ва фарҳангии халқҳои Осиёи Марказӣ, аз ҷумла тоҷикон дигаргунии куллӣ ба миён омад. Пас аз фурӯпошии Иттиҳоди Шуравӣ дар қаламрави Осиёи Марказӣ панҷ давлати мустақил таъсис ёфт, ки дар назди онҳо вазифаҳои муҳим - муайян кардани сиёсати дохилӣ ва берунӣ меистод. Ҷумҳурии Тоҷикистон низ аз ҷумлаи ин давлатҳои тозабунёд буда, асосҳои давлатдории хешро таҳким бахшид ва дар тӯли 30-сол ба дастовардҳои беназир, бахусус дар соҳаи фарҳанг ноил гардид. Фарҳанги миллӣ аз нав эҳё шуда, шумораи театрҳои касбӣ ва халқӣ дар ҷумҳурӣ, аз ҷумла дар вилояти Хатлон зиёд гардид. Аммо як таҳқиқоти маҷмӯӣ, ки таърихи театрҳои касбии вилояти Хатлонро дар тӯли 30-соли соҳибистиқлолӣ таҳқиқ ва баррасӣ карда бошад, то кунун вуҷуд надошт. Аз ин лиҳоз, рисолаи номзадии Амроев Умедҷон Мамадхонович, ки кӯшиши аввалин дар ин самт ба ҳисоб меравад, бешак мубрам ва саривақтӣ буда, дар заминаи маводи бойгониҳои ҷорӣ ва таҳлили адабиёти илмии мавҷуда, амалӣ гардидааст.

Таҳқиқоти диссертатсионӣ аз муқаддима, ду боб, шаш зербоб, хулоса ва феҳристи адабиёти истифодашуда таркиб ёфтааст.

Дар муқаддима мубрамият ва муҳиммияти мавзуи таҳқиқот баён гардида, дараҷаи омӯзиши масъала тавзеҳ дода шудааст. Муаллиф дар ин бахш, инчунин аҳаммияти назариявӣ ва амалӣ, навгониҳои таҳқиқот, ҳадаф ва вазифаҳои он, аҳаммияти амалии таҳқиқотро ба таври мушаххас баён намуда, дар бораи сохтор ва ҳаҷми он маълумот додааст.

Дар боби якуми диссертатсия – “Вазъи театрҳои касбии вилояти Хатлон дар даврони истиқлол”, ки аз се зербоб иборат аст, масоили

таъсис ёфтан ва пешрафти театрҳои касбии вилояти Хатлон дар замони Ҳукумати Шуравӣ, дастовардҳо ва сафарҳои ҳунарии онҳо ба хориҷи кишвар, сабабҳои рукуди театрҳои касбии вилояти Хатлон дар солҳои аввали замони истиқлол ва нақши Ҳукумати ҷумҳурӣ ва мақомоти иҷроияи ҳокимияти давлатии вилояти Хатлон дар барқарорсозӣ ва рушди минбаъдаи театрҳои касбӣ инъикос гардида, дар ин замина хулосаҳои муҳаққиқ ҷиҳати пешрафту такомули минбаъдаи онҳо пешниҳод шудааст.

Боби дуюми диссертатсия – "Инкишофи минбаъдаи театрҳои касбии вилоят» унвон дошта, дорои се зербоб аст. Дар ин боб, ки ба рушду нумуи театрҳои касбии вилояти Хатлон дар ибтидои асри XXI бахшида шудааст, муаллиф бештар ба масоили сиёсати фарҳангии Ҳукумати ҷумҳурӣ дар самти фаъолияти театрҳои касбӣ, фаъолияти театрҳои касбии вилоят дар ибтидои асри XXI, инчунин масъалаи ширкати театрҳои касбии вилоят дар озмунҳои ҷумҳуриявӣ ва байналхалқӣ таваҷҷуҳ намуда, мушкилот ва дурнамои рушди фаъолияти онҳоро баррасӣ кардааст.

Дар хулосаи кор муаллиф зербобҳоро дар алоҳидагӣ ҷамъбаст намудааст. Тавсияҳои пешниҳод намудаи ӯ ҷиҳати рушди минбаъдаи театрҳои касбии вилоят кӯмак хоҳанд кард.

Бояд зикр кард, ки рисола бо забони фасеҳи тоҷикӣ таълиф гардида, мазмуни он дар корҳо ва мақолаҳои чопшудаи унвонҷӯ инъикос гардидааст. Автореферати рисола низ ба мазмуни матни диссертатсия мувофиқ аст.

Аз автореферати диссертатсия бармеояд, ки муаллиф мақсад ва вазифаҳои дар назди худ гузоштаро комилан иҷро карда, як таҳқиқоти мукаммал, анҷомёфта ва арзишмандро барои ҳимоя пешниҳод намудааст.

Дар маҷмуъ, диссертатсияи унвонҷӯй Амроев Умедҷон Мамадхонович дар мавзуи "Таърихи театрҳои касбии вилояти Хатлони Ҷумҳурии Тоҷикистон дар даврони истиқлол (солҳои 1991-2021)"

таҳқиқоти мукаммал ва мустақилона ба анҷомрасида буда, тибқи натиҷаҳои бадастомада ба талаботи муқаррарнамудаи бандҳои 31, 33, 34 ва 35-и "Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ", ки бо Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30.06.2021, № 267 тасдиқ гардидааст, мувофиқ аст ва муаллифи он Амроев Умедҷон Мамадхонович барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои таърих аз руйи ихтисоси 07.00.00-Илмҳои таърихӣ ва бостоншиносӣ (07.00.02 – Таърихи ватанӣ) сазовор мебошад.

**Мудири кафедраи фалсафа ва илмҳои гуманитарии Академияи идоракунии давлатии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, доктори илмҳои таърих, дотсент** **Ализода Баҳриддини Пирмуҳаммад**

**Суроға:** 734003, Ҷумҳурии Тоҷикистон, ш.Душанбе, кӯчаи Саид Носир 33. Тел./факс: (992 37) 224-17-86, 228-92-20; E-mail: info@apa.tj; http: www.apa.tj

**Имзои Б.П. Ализодаро тасдиқ мекунам:**
**Сардори Раёсати кадрҳо, коргузорӣ ва корҳои махсуси Академияи идоракунии давлатии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон** **Ф. З. Ғаюров**

РАЁСАТИ КАДРҲО, КОРГУЗОРӢ ВА КОРҲОИ МАХСУС
УПРАВЛЕНИЕ КАДРОВ, ДЕЛО ПРОИЗВОДСТВА И СПЕЦЧАСТИ

27.05.24